**НУСХА**

из карори ҷаласаи васеи ғайринавбатии Шурои олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 24 феврали соли 2023, №7

**Раиси ҷаласа:** н.и.ҳ., дотсент, декани факултети идоракунии давлатӣ Қодирзода Д.С.
**Котиб:** Шерализода З.Ш.

**Иштирок доштанд:**

1. Қодирзода Д.С., н.и.ҳ. - дотсент;
2. Набиев Т., д.и.и., профессор;
3. Бобоев О., д.и.и., профессор;
4. Мирзораҳимов М.Ҳ., н.и.ф.м. - дотсент;
5. Қодирова Г.Т., н.и.и. - дотсент;
6. Досиев М.Н., н.и.и. - дотсент;
7. Абилзода Г.С., н.и.ф. - дотсент;
8. Холинова М.М., н.и.ҳ. - дотсент;
9. Саидов Н.С. , н.и.ф. - дотсент;
10. Саъдиев И.З., н.и.ҳ. - дотсент;
11. Асоев М.М., н.и.и. - дотсент;
12. Аҳмадбекова Н., н.и.и. - дотсент;
13. Бобомуродов П.У., н.и.и. - дотсент;
14. Аминов М.М., н.и.ҳ. - дотсент;
15. Содиқов Р.Ҳ., н.и.и. - дотсент;
16. Мирзоева Ш.Г., муаллимаи калон;
17. Назарзода А. С., муаллимаи калон;
18. Насурдинзода А.Н., ассистенти кафедра;
19. Файзалиев Ҷ.Ҷ., ассистенти кафедра;
20. Расулова Д.У., ассистенти кафедра;
21. Изатуллозода П.Н., ассистенти кафедра;
22. Дабирҷони М., ассистенти кафедра;
23. Шерализода З.Ш.- ассистенти кафедра;

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «**Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ).

**Роҳбари илмӣ:**

Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризон:**

Файзализода Ҷ.Х., дотори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Муассисаи давлатии китобхонаи миллии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Сафарзода Д.Ҷ., номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ноиби якум, ноиби ректор оид ба таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Раиси ҷаласа:** Ҷаласаи васеи Шурои олимонро раиси Шурои олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Қодирзода Д.С. кушода, иброз намуд, ки муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «**Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) дар кафедраи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расидааст. Мавзуи рисолаи илмии Умарзода Сафаралӣ Умар дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2019, таҳти №7/16 оид ба ихтисоси 13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) тасдиқ гардидааст.

**Шунида шуд:** Маърӯзаи унвонҷӯи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «**Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ**».

**Саволҳои додашуда** аз ҷониби д.и.и., профессор Набиев Т., д.и.и., профессор Бобоев О., н.и.ф.м., дотсент Мирзораҳимов М.Ҳ., н.и.и., дотсент Қодирова Г.Т., н.и.и., дотсент Досиев М.Н., омӯзгорон Насурдинзода А.Н., ва Шерализода З.Ш. пешниҳод гардида, устодон ба саволҳои додашудаашон ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд.

**Баромад карданд:**

**Роҳбари илмӣ –** д.и.п., профессор Мирзоев Абдулазиз Раҷабович.

Мавзуи рисолаи номзадии Умарзода Сафаралӣ Умар бо унвонии «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» зери роҳбарии Мирзоев Абдулазиз Раҷабович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад.

Солҳои охир диккати Умарзода Сафаралӣ Умар проблемаи истифодаи технолгияи иттилооти дар дарсҳои физика бештар ҷалб намуда буд. Аз ин рӯ дар кори илмӣ таҳкикотӣ проблемаҳои исстифодаи ТИК - ро дар ҷараёни корҳои таълимию озмоишӣ таъмин намудани ҳамгирони маҳоратҳои касбӣ дар амал тадбик намудан ва истифода намудани махорат, таҷрибаву малакаҳои андӯхташуда аз ҷониби омӯзгорон ироа гардидааст.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯй Умарзода Сафаралӣ Умар худро ҳамчун муҳаккики масъулиятшипос, ташаббускор, эҷодкор ва навовар муаррифӣ намуда, имтиҳонҳои номзадиашро бомуваффакият супоридааст.

Маколахои илмӣ-методии нашрнамудаи ӯ мундариҷаи асосии дисертатсияро инъикос мекунанд.

Умарзода Сафаралӣ Умар оид ба натиҷаҳои таҳкикоти диссертатсионӣ 27 макола ба нашр расонидааст, ки 9 тои он дар маҷаллаҳои такризшавандаи Камисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Унвонҷӯ Умарзода Сафаралӣ Умар дар конфронсияҳои илмӣ минггакавӣ ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида бо маърузаҳои илмӣ бармад намудааст. Ӯ дар байни ҷомеа, ҳамкорон ва дошинҷуён сазовори обрӯю эътибори хоса мебошад.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Умарзода Сафаралӣ Умар теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва истифодаи бозиҳои комшотерии коромӯзӣ дар корҳои озмоишӣ оид ба мавзӯи таҳкикот омӯхтаву таҳлил намуда, бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятнокиро нишон дод.

Мавзуи рисолаи номзадии Умарзода Сафаралӣ Умар бо унвонии «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» ба талаботи Низомномаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаиҳои илмӣ пурра мувофик буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Мукарризи холис: -** Файзализода Ҷ.Х., д.и.п., профессор, директори Муассисаи давлатии китобхонаи миллии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд, ки дар замони муосир бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ на танҳо воситаи фароғат, новобаста ба синнусол

ҳамчун воситаи васеъ истифодашавандаи таълим баррасӣ кардан мумкин, балки далели рӯзафзунии таҳқиқотҳои илмӣ арзёби мешавад.

Истифодаи мувофиқи технологияҳо, ки дар бисёр ширкатҳо воситаи ҳаётан муҳими ноил шудан ба муваффақиятҳо мебошад, ҳамзамон воситаи хабардор шудан аз дастовардҳои навтарини технологӣ дар бозор دониста шуда, дар муҳити мактаби олӣ низ ба таври васеъ истифода бурдан лозим аст.

Дар баробари ин, технологияҳое низ мавҷуд аст, ки онҳоро бевосита дар ҷараёни таълим истифода бурдан имкон дорад. Аз чунин технологияҳо бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ буда, он дар бисёр соҳаҳои таълим истифода мешавад, ки ба манфиати таълимгирандагон мебошад. Бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ ба донишҷӯён барои таҳқиқ ва татбиқи донишҳои назариявии худ дар муҳити бехатари моделсозишуда воқеиятро инъикос карда, барои омӯзиши ва танзими раванди таълим имконият фароҳам меоранд.

Қобили зикр аст, ки таъмини самаранокии ҷараёни таълим бо истифодаи бозиҳои коромӯзии компютерӣ (минбаъд – БКК) ба амал баровардани фаъолияти инноватсионӣ ва сохтани маҳсулоти инноватсионӣ аз омилҳое мебошад, ба таъмини алоқаи илм ва истеҳсолот мусоидат мекунад. Дар натиҷаи чунин фаъолият донишҳои нави илмӣ эҷод гардида, минбаъд дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа истифода бурда мешаванд. Намудҳои муосири воситаҳои иттилоотӣ ва компютерӣ танҳо баъди татбиқи амалӣ фоидаи иҷтимоию иқтисодӣ оварда, пешрафтро дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи маориф ва илм таъмин мекунанд. Бо истифодаи мақсаднок ва самаранок дар ҷараёни таълими мактаби олӣ вазифаҳои мураккаб ва гуногуни таълимиро ҳал карда, сифати таҳсил ва сатҳи омодагии донишҷӯён – мутахассисони ояндаро имкони баланд бардоштан дорад.

Сатҳи татбиқ ва истифодаи сарчашмаҳои мавҷудаи таълимӣ, аз ҷумла БКК, ки ҳамгироии пурраи онҳо бо ҷараёни таълим сатҳи ташаккули малакаҳои касбии донишҷӯён – мутахассисони ояндаро таъмин мекунад **мубрамии** таҳқиқотро муайян менамояд.

Аз натиҷаҳои ҳосилшудаи таҳлили эмпирикии ҷараёни таълими мактаби олӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки шароитҳои педагогии истифодаи БКК дар ҷараёни таълими донишҷӯён ва мутахассисони оянда имкони ихтилофотҳои мавҷудбударо холисона муайян кунад.

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбати кор ва натиҷаҳои навгонӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, вале норасоиҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона буда, навгониҳои илмии ба даст оварда ва аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии ташкил ва асосноккунии истифодаи БКК - ро дар ҷараёни таълим дар бар мегирад.

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии омӯзишӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯ ба талаботи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» мебошад, аз ин рӯ тарафдори он ҳастам, ки пас аз ислоҳи камбудиҳои зикршуда барои муҳокима ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

**Муқарризи холис:** - Сафарзода Д.Ҷ., н.и.п., дотсент, ноиби якум, ноиби ректор оид ба таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баромади худ зикр доштанд, ки асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот дар омӯзиши назариявии сатҳи ташаккули салоҳиятнокии иттилоотию компютерӣ бо истифодаи БКК самти навро кушода, таҳия, татбиқ ва истифодаи он дар ҷараёни омодагии касбии мутахассисони оянда мутобиқ ба талаботҳои муосири таълимӣ мебошад.

Дисертант Умарзода Сафаралӣ Умар дар дисертатсия асоснок ва боэътимод будани натҷаҳои илмӣ, анҷом додани марҳалаҳои таҳқиқот дар доираи муҳлати пешбинишуда, истифодаи методҳои мувофиқ ба мавзуъ, объект, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, мувофиқати ҳаҷму ҳайъати гурӯҳҳои озмоишӣ ва имконпазир будани такрори озмоиши дисертатсияро дар амалияи таҳсилот бомаврид дарҷ намудааст.

Дар баробари эътирофи арзишмандии таҳқиқоти анҷомёфта дар диссертатсия баъзе норасоиҳо вуҷуд доранд. Лекин, норасоиҳо арзиши илмӣ-методии таҳқиқоти гузаронидашударо нисбати илми педагогика, амалияи таълим дар мактабҳои олӣ, омодасозии касбӣ-меҳнатии донишҷӯёну мутахасисиони оянда паст наменамояд.

Хулоса, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур бо робитаҳои байниҳамдигарӣ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи педагогика ва истифодаи самараноки БКК дар ҷараёни омодагии касбии омӯзгорони оянда мутобиқи талаботҳои муосири таълимӣ, ки фарогири масъалаҳои муносибати босалоҳият дар таҳсилот мебошанд, саҳми босазо гузошта, мазмуни таҳқиқот ба самтҳои муайяншудаи шиносномаи ихтисоси “13.00.08.01-Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ)” мутобиқ мебошад.

Дар **муҳокима ва мулоҳиза** н.и.ф.м., дотсент Мирзораҳимов М.Ҳ., н.и.и., дотсент Содиқов Р.Ҳ., н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С., н.и.и., дотсент Асоев М.М., н.и.и., дотсент Бобомуродов П.У., омӯзгорон Мирзоева Ш.Г., Назарзода А. С., ва Изатуллозода П.Н. суханронӣ намуда, қайд карданд, ки мавзуи илмии баррасинамудаи унвонҷӯи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракун

Умарзода Сафаралӣ Умар ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ буда, мавзуи актуалӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ диссертатсия, ки дар мавзуи «**Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) пешниҳод шудааст, ба талабот ҷавобгӯ буда, ба муҳокимаи навбатӣ барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Пас аз муҳокима ва мулоҳизаҳо унвонҷӯ ба музокира баромада, барои пешниҳоду маслиҳатҳо изҳори миннатдорӣ намуда, қайд кард, ки дар оянда камбудиҳои пешниҳодшуда ислоҳ хоҳанд шуд.

Бо назардошти баромади унвонҷӯ, хулосаи роҳбари илмӣ, баромади муқарризон ва баромадкунандагон раиси ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети идоракунии давлатӣ чунин иброз дошт, ки диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «**Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) пешниҳод гардидааст, кори баитмомрасида мебошад ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи инро ба назар гирифта, чунин **карор** қабул карда шуд:

1. Диссертатсияи Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.
2. Диссертатсияи Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзуи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 48 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа 23 нафар иштирок дошта, рисолаи мазкурро ҷонибдорӣ намуданд.
Натиҷаи овоздиҳӣ:
Тарафдор - 23 нафар
Муқобил – нест
Бетараф – нест
Қарор якдилона қабул гардид.

**Раиси ҷаласа**, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, раиси Шурои олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирзода Д.С.

**Котиби ҷаласа**, котиби илмии Шурои олимони факултет, ассистент Шерализода З.Ш.

**Муқарризи холис:**
д.и.п., профессор, директори Муассисаи давлатии китобхонаи миллии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷ.Х.

**Муқарризи холис:**
н.и.п., ноиби якум, ноиби ректор оид ба таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Д.Ҷ.

Имзои Файзализода Ҷ.Х. -ро тасдиқ мекунам.
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии китобхонаи миллии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** Исломов А.Х.

Имзоҳои Қодирзода Д.С., Шерализода З.Ш., Файзализода Ҷ.Х., Сафарзода Д.Ҷ. -ро тасдиқ мекунам.
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** Ҳамидов Ш.Б.